## АСОСҲОИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ (ҲУҚУҚИ ИНСОН)

**1.** **Фармонҳои Президент оид ба таъин ва аз вазифа озод кардани Сарвазир, аъзои Ҳукумат, муовинони Сарвазир барои тасдиқ ба куҷо пешниҳод карда мешавад?**

**A)** Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ
**B)** Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ
**C)** Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе
**D)** Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон

**2.** **Қарорҳои кадом суд қатъӣ буда, доир ба онҳо шикоят кардан мумкин нест?**

**A)** Суди Олӣ
**B)** Суди конститутсионӣ
**C)** Суди ҳарбӣ
**D)** Суди Олии иқтисодӣ

**3.** **Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозаи ҳадди ақалли музди меҳнатро кӣ муқаррар менамояд?**

**A)** Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
**B)** Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**C)** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**D)** Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**4.** **Шуури ҳуқуқии гурӯҳӣ ...**

**A)** ба шумораи бештари аъзои ҷамъият хос буда, дар асоси ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандон дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ ташаккул меёбад.
**B)** ба тамоми аҳолии кишвар, ҳудуд ва давраи таърихии муайян тааллуқ дорад.
**C)** ба гурӯҳи муваққатан таъсисёфтаи одамон хос буда, ҳангоми гирдиҳамоӣ, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта зоҳир мегардад.
**D)** ба гурӯҳу табақаҳои алоҳидаи иҷтимоӣ хос буда, тасаввур ва ҳисси ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ, синф ва ғайраро ба ин ё он масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода менамояд.

**5.** **Ҳуқуқи инсон ба дастрасии адолати судӣ бори аввал дар кадом санади меъёрӣ зикр гардид?**

**A)** Хартияи бузурги озодӣ (соли 1215)
**B)** Билли амрикоӣ оид ба ҳуқуқҳо (соли 1791)
**C)** Эъломияи фаронсавии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд (соли 1789)
**D)** Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948 )

**6.** **Кадом намояндаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонад ҳар як парвандаи ҷиноятиро, ғайр аз парвандаҳои хусусияти коррупсионидошта, аз як мақоми тафтишотӣ ба дигараш диҳад?**

**A)** Судя
**B)** Прокурор
**C)** Вазири корҳои дохилӣ
**D)** Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ

**7. Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ваколати ба қайди давлатӣ гирифтани кадом ҳолатҳоро доранд?**

A) таваллуд, вафот, иваз намудани ном, номи падар ва насаб
B) таваллуд, вафот, ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ
C) таваллуд, вафот, ақди никоҳ ва муқаррар намудани падарӣ
D) таваллуд, вафот, бекор кардани ақди никоҳ, фарзандхондӣ

**8. Санадҳои суди конститутсиониро муайян намоед.**

A) ҳукм, ҳалнома, қарор
B) қарор, хулоса, таъинот
C) ҳалнома, ҳукм, таъинот
D) қарор, таъинот, ҳалнома

**9. Функсияи танзимнамоии андоз чӣ маъно дорад?**

A) ташаккули захираҳои молиявии давлат
B) сафарбар намудани маблағҳои давлатӣ барои ҳалли проблемаҳои ҷамъиятӣ
C) санҷиши сохтору қобилияти пардохтпазирии андозсупорандагон ва дараҷаи иҷрои он
D) такмил додани ставкаи андозҳо ва ҷаримаҳо, ҷорӣ кардани андозҳои нав ва бекор намудани баъзе намудҳои андоз, яъне таъсир расондан ба ҷараёни сармоягузорӣ, афзоиши истеҳсолот ва таркиби он

**10. Муҳлати рухсатии кормандони маъюби гурӯҳҳои I ва II-ро муайян намоед.**

A) 28 рӯзи тақвимӣ
B) 30 рӯзи тақвимӣ
C) 42 рӯзи тақвимӣ
D) 56 рӯзи тақвимӣ

**11. Яке аз маъниҳои принсипи умумият ва универсалии ҳуқуқи инсон дар чӣ ифода меёбад?**

A) Комилан ҳамаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба ҳамдигар вобастаанд.
B) Ҳуқуқҳои инсон ба ҳар одами дар ҷаҳон зиндагикунанда, бо сабаби он ки вай ИНСОН мебошад, аз лаҳзаи таваллуд мансубанд.
C) Ҳуқуқу озодиҳои инсон аз лаҳзаи ба балоғат расидан ба ӯ тааллуқ доранд.
D) Ҳамаи одамони рӯйи замин, сарфи назар аз мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ, динӣ ва ғайра, соҳиби ҳуқуқу озодиҳо мебошанд.

**12. Ин сухан ба кӣ тааллуқ дорад?**
**“Қонун бояд ба ҳама ҳукмронӣ кунад”.**

A) Руссо
B) Арасту
C) Сисерон
D) Монтеске

**13.** **Статут чист?**

A) Қароре, ки дар натиҷаи муҳокимаи ягон масъала дар ҷамъомади машваратии мақомот қабул карда шудааст.
B) Қарордоди байналмилалӣ, ки ҳадаф, сохтор ва функсияҳои ягон мақомоти байналмилалиро таҳким мебахшад.
C) Қарордоди байналмилалист, ки ҳадафи таъсис, принсипҳо, фаъолият ва сохторҳои дохилии ташкилотҳои гуногуни байналмилалириро таҳким мебахшад.
D) Тасдиқ гардидани қарордодҳои нисбатан муҳими байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатии мамлакат-сардори давлат ё парламент

**14.** **Фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ ба сифати кадом механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон баромад менамояд?**

A) маъмурӣ B) минтақавӣ C) байналмилалӣ D) ғайриҳукуматӣ

**15.** **Андозаи ҷаримаро мувофиқи моддаи 164-уми Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ муайян намоед.**

A) аз 500 то 1 000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо
B) аз 1 000 то 2 000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо
C) аз 2 000 то 4 000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо
D) аз 5 000 то 10 000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо

**16.** **Суд барои нигоҳубини 5 фарзанди ноболиғ кадом андозаи алиментро аз падару модари онҳо рӯёнида метавонад?**

A) чоряки музди меҳнат ва даромади дигари падару модар
B) сеяки музди меҳнат ва даромади дигари падару модар
C) 50%-и музди меҳнат ва даромади дигари падару модар
D) 75% -и музди меҳнат ва даромади дигари падару модар

**17.** **Марҳилаи дуюми рушди таърихии консепсияи ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ.**

A) аз соли 1791 то соли 1919
B) аз соли 1919 то соли 1948
C) аз соли 1948 то даҳсолаи охири асри XX
D) аз охири асри XX то рӯзҳои мо

**18.** **Шакли аз ҳама шадиди табъизи нажодие, ки аз ҷониби нажодпарастони Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ нисбат ба аҳолии таҳҷоӣ татбиқ шуда, онро аз ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва шаҳрвандӣ то ҷудоии ҳудудӣ дар бантустонҳо маҳрум сохтааст.**

A) геносид B) апартеид C) сегрегатсия D) миллатгароӣ

**19. Ба кадом гурӯҳи ашхос Конвенсияи байналхалқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дахл надорад?**

A) коргарони наздисарҳадӣ
B) коргарони мавсимӣ
C) баҳрнавардон
D) кормандони созмони байналмилалӣ

**20. Қароргоҳи Идораи Комиссари Олии СММ доир ба гурезаҳо дар куҷо ҷойгир шудааст?**

A) Ню-Йорк
B) Женева
C) Берлин
D) Париж

**21. Конвенсияи соли 1951 кадом масъалаҳоро ба танзим медарорад?**

A) оид ба мақоми гурезаҳо ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо
B) оид ба мақоми ашхоси маъюбу пиронсол ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо
C) оид ба мақоми муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо
D) оид ба мақоми муҳоҷирони иҷборӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо

**22. Андозаи ҷарима ба шахсони воқеӣ барои фурӯши сигарета, сигара, попирос ва дигар маҳсулоти тамоку ба ноболиғон.**

A) аз 2 то 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо
B) аз 5 то 7 нишондиҳанда барои ҳисобҳо
C) аз 10 то 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо
D) аз 30 то 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо

**23. Амрномаи муҳофизатӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" ба кадом муҳлат дода мешавад?**

A) то 15 рӯз
B) то 2 моҳ
C) то 3 моҳ
D) то 6 моҳ

**24. Дар Полша палатаи поёнии парламентро чӣ меноманд?**

A) Сейм
B) Конгресс
C) Фолкетинг
D) Сенат

**25. Ба шаҳрвандӣ қабул намудани шахси хориҷӣ дар асоси аризааш.**

A) оптатсия
B) сегрегатсия
C) натурализатсия
D) ратификатсия

**1. Салоҳияти Маҷлиси намояндагон.**

| | | |
|---|---|---|
| а) | | то 1 хол |
| б) | | то 1 хол |
| в) | | то 1 хол |
| г) | | то 1 хол |
| д) | | то 1 хол |
| е) | | то 1 хол |
| ё) | | то 1 хол |
| ж) | | то 1 хол |
| з) | | то 1 хол |
| к) | | то 1 хол |
| л) | | то 1 хол |
| м) | | то 1 хол |

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 12.

**2. Принсипҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияро номбар кунед.**

а) ______________________________
______________________________ (то 1 хол)

б) ______________________________
______________________________ (то 1 хол)

в) ______________________________
______________________________ (то 1 хол)

г) ______________________________
______________________________ (то 1 хол)

ғ) ______________________________
______________________________ (то 1 хол)

д) ______________________________
______________________________ (то 1 хол)

е) ______________________________
______________________________ (то 1 хол)

ё) ______________________________
______________________________ (то 1 хол)

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 8.

**3. Ноболиғи бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда ҳақ дорад:**

а) ______________________________
______________________________
______________________________ (то 2 хол)

б) ______________________________
______________________________
______________________________ (то 2 хол)

в) ______________________________
______________________________
______________________________ (то 2 хол)

г) ______________________________
______________________________
______________________________ (то 2 хол)

ғ) ______________________________
______________________________
______________________________ (то 2 хол)

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 10.

**4. Меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории норасоии муҳассали масуният" ба принсипҳои зерин асос ёфтаанд:**

а) ____________________________________________
____________________________________________
____________________________________________ (то 2 хол)

б) ____________________________________________
____________________________________________
____________________________________________
____________________________________________ (то 2 хол)

в) ____________________________________________
____________________________________________ (то 2 хол)

г) ____________________________________________
____________________________________________ (то 2 хол)

д) ____________________________________________
____________________________________________ (то 2 хол)

е) ____________________________________________
____________________________________________ (то 2 хол)

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 12.

**5. Созмони Байналмилалии Муҳоҷират дар кадом самтҳо лоиҳаҳоро татбиқ менамояд?**

а) ____________________________________________
____________________________________________ (то 1 хол)

б) ____________________________________________
____________________________________________ (то 1 хол)

в) ____________________________________________
____________________________________________ (то 1 хол)

г) ____________________________________________
____________________________________________ (то 1 хол)

д) ____________________________________________
____________________________________________ (то 1 хол)

е) ____________________________________________
____________________________________________ (то 1 хол)

ё) ____________________________________________
____________________________________________ (то 1 хол)

ж) ____________________________________________
____________________________________________ (то 1 хол)

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 8.